**ФИЛИАЛИ БОНКИ «ТИҶОРАТ» - И ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

# ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИЕ, КИ МУТОБИҚИ ТАЛАБОТИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БА 31-УМӢ ДЕКАБРИ СОЛИ 2012 ТАЙЁР КАРДА ШУДААСТ

**НУСХАИ АСЛӢ**

**Сифат/Эътимодӣ/Муваффақият** 2013

**Consultant Audit**

**МУНДАРИҶА:**

МАСЪУЛИЯТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ОМОДАСОЗӢ ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ..... 2

ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ ..... 3

ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА ВА ЗАРАР ..... 4

ҲИСОБОТИ ТАВОЗУНӢ ..... 5-6

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ..... 7

ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯИ ХУДӢ ..... 8

ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ..... 9

(бо Сомони)

## Масъулияти роҳбарият оид ба ҷавобгарӣ барои омодасозӣ ва тасдиқ намудани ҳисоботи молиявӣ дар даврае, ки санаи 31-уми декабри соли 2012 ба итмом мерасад.

Тасдиқоти зерин, ки бояд бо дарҷи ӯҳдадориҳои аудиторон, ки дар ҳисоботи аудиторони мустақили дар саҳифаи 3 пешниҳод шуда бо мақсади ҷудо намудани ҷавобгариҳои аудиторон ва роҳбарият нисбати ҳисоботи молиявии Филиали бонки "Тиҷорат"- и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ш. Душанбе *(минбаъд «бонк»)* якҷоя дида баромада шавад.

Роҳбарияти *Бонк* барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ, ки аз ҳама ҷиҳатҳои муҳим ҳолати молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағирот дар сармояи худиро дар даврае, ки 31-уми декабри соли 2012 ба итмом расидааст мутобиқи талаботи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ (минбаъд дар матн «СБҲМ») дуруст инъикос мекунад ҷавобгар аст.

Ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти *Бонк* ҷавобгар аст, барои:

- Интихоби принсипҳои зарурии баҳисобгирии муҳосибавӣ ва минбаъд истифодабарии онҳо;
- Риояи талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ва ошкор кардани фаркиятҳои муҳим аз СБҲМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ; ва
- Омодасозии ҳисоботи молиявӣ бо назардошти он ки *Бонк* фаъолияти худро дар ояндаи дур ба ғайр аз ҳолатҳое, чунин ҳисобидан ғайриимкон аст идома медиҳад;

Роҳбарият инчунин ҷавобгар аст, барои:

- Коркард, амалӣ намудан ва таъмини амал намудани системаи самаранок ва боэътимоди назорати дохилии *Бонк*;
- Доштани системаи баҳисобгирии муҳосибавие, ки дорои имкони дар лаҳзаи дилхоҳ бо амиқии кифоя маълумот оиди ҳолати молиявии *Бонкро* мувофиқи талаботи СБҲМ тайёр карда тавонад;
- Бурдани баҳисобгирии муҳосибавӣ тибқи талаботҳои қонунгузорӣ ва стандартҳои муҳосибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Андешидани чораҳо дар доираи марбути худ барои таъмини нигоҳдории дороиҳои *Бонк*;
- Ошкор ва пешгирии далелҳои қаллобӣ, хатогиҳо ва дигар намуди сӯиистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои даврае, ки 31-уми декабри соли 2012 ба итмом расидааст аз тарафи Раёсати *Бонк* «09» Апрел соли 2013 тасдиқ шудааст.

Аз номи Филиали Бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ дар шаҳри Душанбе:

| | |
|---|---|
| **Раис** | **Сармуҳосиб** |
| **Қори А.** | **Азизмуродов Ш.Ҳ.** |

BANK TEJARAT بانک تجارت
جمهوری تاجیکستان دوشنبه
TAJIKESTAN. R. Branch
Doshanbeh

Consultant Audit
Tajik Audit Company

Closed Joint Stock Company “Consultant Audit”
Quality/Safety/Success

7 Ainy street, office # 9
Dushanbe, 734942, Tajikistan
Phone: (992 37) 2-21-63-17
e-mail: info@audit.tj; www.audit.tj

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

## БА МУАССИСОНИ ФИЛИАЛИ БОНКИ “ТИҶОРАТ”- И ҶУҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

### *Сарсухан*

Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳоднамудаи **Филиали бонки “Тиҷорат”- и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ш. Душанбе** *(минбаъд «бонк»)*, ки ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2012 ва ҳисоботи дахлдорро дар бораи маҷмӯи даромад, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағиротҳои сармояи худӣ дар соле, ки дар санаи зикргардида ба итмом мерасад ва инчунин изҳори мухтасари принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар эзоҳҳоро нисбати ҳисоботи молиявии мазкурро дар бар мегирад ба итмом расонидем.

### *Масъулияти роҳбарият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявӣ*

Масъулият оид ба омодасозии ҳисоботи молиявии мазкур ва мувофиқати он ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба зиммаи роҳбарияти *Бонк* вогузор карда шудааст. Масъулияти мазкур аз таъсис додан, ҷорӣ ва дастгирӣ намудани сохтори назорати дохили ҷиҳати омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисоботи боэътимоди молиявӣ, ки дар худ таҳрифҳои ҷиддӣ дар натиҷаҳои суиистифодабариҳои молиявӣ, ҳамчунин натиҷаи хатогӣ надоранд; интихоб ва татбиқи сиёсати дахлдори баҳисобгирӣ, инчунин татбиқи баҳодиҳии муҳосибавии асоснок иборат мебошад.

### *Масъулияти аудитор*

Вазифаи мо аз изҳори ақида ҷиҳати дуруст будани ҳисоботи молиявии мазкур дар асоси аудити гузаронидаи мо иборат мебошад. Мо аудитро мутобиқи талаботҳои Стандарти байналмилалии аудит ба анҷом расонидем. Стандартҳои мазкур аз мо риоя намудани меъёрҳои этикӣ, инчунин банақшагирӣ ва гузаронидани аудитро бо мақсади боварии комил ҳосил намудан, ки ҳисоботи молиявӣ дорои таҳрифҳои ҷиддӣ намебошад талаб менамоянд.

Аудит дар худ анҷом додани амалиётҳоеро, ки ба гирифтани далелҳои аудити нисбати нишондиҳандаҳои шуморавӣ ва эзоҳ ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад. Интихоби амалиётҳои зарури аз фикру ақидаи касбии аудитор асос меёбад, ки аз он чумла баҳо додан ба хавфи муҳими таҳрифи ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи суистифодаи молиявӣ ё хатогиҳо асос мегирад. Баҳодиҳии чунин хавфҳо, баррасии сохтори назорати дохиларо аз рӯи омодасози ва дуруст будани ҳисоботи молиявӣ бо мақсади коркарди амалиётҳои аудитие, ки дар ҳолатҳои мазкур татбиқ мешаванд дар бар мегирад, на бо мақсади изҳори фикру ақида нисбати самаранокии сохтори назорати дохила асос меёбад. Аудит таҳлили принсипҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва муҳимияти баҳодиҳиро, ки аз ҷониби роҳбарият омода шудааст, инчунин баҳодиҳии умумиро бобати ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

Мо чунин меҳисобем, ки аудити гузаронидаи мо асоси кофӣ ва боэътимод барои изҳори ақидаи мо мегардад.

### *Ақидаи аудитор*

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда дар тамоми ҷанбаи худ вазъи ҳақиқии молиявии Бонкро ба санаи 31-уми декабри соли 2012, инчунин натиҷаҳои молиявии он ва ҳаракати воситаҳои пулиро дар тули як соле, ки дар санаи зикргардида анҷом дода шудааст, мутобиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ дуруст инъикос мекунад.

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

20 феврали соли 2013

**Директори генералии**

**ҶСП «Консултант Аудит»** **Сафарбек Дустов**

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДА КОНСУЛЬТАНТ АУДИТ ЗАКРЫТОЕ АКЦИОНЕРНОЕ ОБЩЕСТВО РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

## ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ

дар соли ба санаи 31-уми декабри соли 2012 ба итмом расида

| Моддаҳо | Эзоҳ | 2011с | 2012с |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 4.1 | 2 398 072,00 | 2 639 213,00 |
| Хароҷоти фоизӣ | 4.2 | 0,00 | 44 341,00 |
| **Даромади холиси фоизӣ** | | **2 398 072,00** | **2 594 872,00** |
| Даромад аз хизматрасониҳои комиссионӣ | 4.3 | 4 220 009,00 | 3 945 321,00 |
| Хароҷот аз хизматрасониҳои комиссионӣ | 4.4 | -12 246,00 | -15 789,00 |
| **Даромади холис аз хизматрасонии комиссионӣ** | | **4 207 763,00** | **3 929 532,00** |
| Даромад аз ҳисоби амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 4.5 | 90 605 115,00 | 56 463 914,00 |
| Хароҷот аз ҳисоби амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 4.6 | -90 609 939,00 | -56 096 250,00 |
| **Даромади холис аз амалиетҳо бо асъори хориҷӣ** | | **-4 824,00** | **367 664,00** |
| Дигар даромадҳо | 4.7 | 4 251,00 | 5 740,00 |
| Дигар хароҷот | | 0,00 | 0,00 |
| **Натиҷаи холис** | | **4 251,00** | **5 740,00** |
| **Ҳамаги даромадҳо тарҳи хароҷоти фоизӣ** | | **6 605 262,00** | **6 897 808,00** |
| Хароҷоти амалиётӣ | 4.8 | 1 920 069,00 | 1 589 789,00 |
| Хароҷоти карзҳои шубҳанок ва беэътимод | 4.9 | 0,00 | 21 623,00 |
| **Даромад то пардохти андоз аз даромад** | | **4 685 193,00** | **5 286 396,00** |
| Хароҷот барои андоз аз даромад | 4.10 | 1 703 049,00 | 1 653 111,00 |
| **Фоидаи (зарари) холис** | | **2 982 144,00** | **3 633 285,00** |

**Раис** **Сармуҳосиб**

**Қорӣ А.** BANK TEJARAT TAJIKESTAN. R. Branch Doshanbeh **Азизмуродов Ш.Ҳ.**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба 01 январи соли 2013

| | Эзоҳ | 2011с. | 2012с. |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| ***Дороиҳои ҷорӣ*** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 5.1 | 2 442 417,00 | 2 085 096,00 |
| Барои гирифтан аз БМТ | 5.2 | 5 724 959,00 | 3 592 741,00 |
| Захираи ҳатмӣ дар Бонки миллии ҶТ | 5.3 | 905 809,00 | 241 731,00 |
| Ҷойгиркунии мӯҳлатноки воситаҳо дар дигар бонкҳои ҶТ бо асъори миллӣ | 5.4 | 31 478 700,00 | 21 911 000,00 |
| Суратҳисобҳои мукотибавӣ дигар бонкҳои берун аз ҶТ бо асъори хориҷӣ | 5.5 | 57 775 065,00 | 46 286 062,00 |
| Қарзҳои мизоҷон | 5.6 | 2 376 535,00 | 4 170 317,00 |
| Фоизҳо барои гирифтан | 5.7 | 2 505,00 | 2 156,00 |
| Дороиҳои ҷории дигар | 5.8 | 3 190,00 | 3 444,00 |
| ***Ҳамагӣ дороиҳои ҷорӣ*** | | ***100 709 180,00*** | ***78 292 547,00*** |
| ***Дороиҳои дарозмуддат*** | | | |
| Воситаҳои асосӣ | 5.9 | 1 361 823,00 | 1 258 637,00 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 5.10 | 25 429,00 | 22886 |
| ***Ҳамаги дороиҳои дарозмуддат*** | | ***1 387 252,00*** | ***1 281 523,00*** |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **102 096 432,00** | **79 574 070,00** |
| **Ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | | |
| ***Ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | 5.11 | 10 499 935,00 | 4 060 174,00 |
| Дигар амонатҳо | 5.12 | 161 113,00 | 140 822,00 |
| Барои пардохт ба бонкҳои берун аз қаламрави ҶТ | 5.13 | 52 634 718,00 | 33 564 831,00 |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 5.14 | 329 622,00 | 0,00 |
| Фоизҳо барои пардохт | 5.15 | 2 505,00 | 2 156,00 |
| Андоз аз фоида барои пардохт | 5.16 | 684 295,00 | 388 560,00 |
| Ӯҳдадориҳои ҷории дигар | | 0,00 | *0,00* |
| ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | | ***64 312 188,00*** | ***38 156 543,00*** |
| ***Ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** | | | |
| Қарзҳои дарозмуддат | | 0,00 | 0,00 |
| Андозҳои мавқуфгузошташуда | | 0,00 | 0,00 |
| ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** | | ***0,00*** | ***0,00*** |
| ***Ҳамагӣ уҳдадориҳо*** | | ***64 312 188,00*** | ***38 156 543,00*** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи саҳомии пардохташуда | 5.17 | 16 409 725,00 | 16 409 725,00 |

(бо Сомони)

| | | | |
|---|---|---|---|
| Фоидаи тақсимнашуда | 5.17 | 21 301 089,00 | 24 894 372,00 |
| Захираҳои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | 5.17 | 13 430,00 | 13 430,00 |
| Захира аз ҳисоби фоида | 5.17 | 60 000,00 | 100 000,00 |
| ***Ҳамагӣ сармоя*** | | ***37 784 244,00*** | ***41 417 527,00*** |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | **102 096 432,00** | **79 574 070,00** |

Раис — Сармуҳосиб

Қорӣ А. — Азизмуродов Ш.Ҳ.

BANK TEJARAT بانک تجارت
شعبه جمهوری تاجیکستان دوشنبه
TAJIKESTAN. R. Branch
Doshanbeh

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

дар соли ба санаи 31-уми декабри соли 2012 ба итмом расида

| | эзоҳ | 2012с |
|---|---|---|
| ***Ҳаракати нақдина бо амалиётҳои асосӣ*** | | |
| Фоида (зарар)-и соф | | 3633285,00 |
| Хароҷоти фарсоиш ва истеҳлоки дороҳо | | 120031,00 |
| Хароҷоти ФПТИ | | 21623,00 |
| Хароҷот (даромад) аз азнавбаҳодиҳии амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | | -148624,00 |
| ***Ҳаракати нақдина бо даромадҳои асосӣ то тағирёбии дороиҳои амалиёти ва ӯҳдадориҳо*** | | ***3 626 315,00*** |
| ***Тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:*** | | |
| Афзуншавӣ\камшавии маблағҳо захираҳои ҳатмӣ | | -664078,00 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси карзҳои мизоҷон | | 1793782,00 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси фоизҳо барои гирифтан | | -349,00 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дороиҳои дигар | | 254,00 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси амонатҳои мизоҷон | | -6439761,00 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси амонатҳои дигар | | -20291,00 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси барои пардохт ба дигар бонкҳо | | -19069887,00 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси ҳисобҳо барои пардохт | | -329622,00 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси фоизҳо барои пардохт | | -349,00 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси андозҳо барои пардохт | | -295735,00 |
| ***Ҳаракати холиси тағирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:*** | | -25026036,00 |
| ***Гардиши холиси нақдина барои амалиётҳои асосӣ*** | | **- 21 399 721,00** |
| Хариди таҷҳизот ва моликият | | -14303,00 |
| Хариди коғазҳои қимматноки инвеститсионӣ | | 0,00 |
| *Маблағҳои холис барои амалиётҳои асосӣ истифодашуда* | | **-14303,00** |
| ***Гардиши холиси нақдина барои амалиётҳои молиявӣ*** | | |
| Ҳиссагузории сармоядорон | | 0,00 |
| Хариди саҳмияҳо | | 0,00 |
| Пардохти дивиденд | | 0,00 |
| ***Гардиши софи нақдина барои амалиётҳои молиявӣ*** | | - |
| **Афзуншавии холиси нақдина** | | **- 21 414 024,00** |
| ***Воситаҳои пулӣ дар аввали сол*** | **5.1,5.3, 5.4, 5.5** | **91 696 182,00** |
| ***Воситаҳои пулӣ дар охири сол*** | **5.1,5.3, 5.4, 5.5** | **70 282 158,00** |

**Раис** — **Қорӣ А.**

**Сармуҳосиб** — **Азизмуродов Ш.Ҳ.**

BANK TEJARAT بانک تجارت
شعبه جمهوری تاجیکستان دوشنبه
TAJIKESTAN. R. Branch Doshenbeh

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒИРОТ ДАР САРМОЯ

дар соли ба санаи 31-уми декабри соли 2012 ба итмом расида

| | Сармояи саҳомии пардохташуда | Фоидаи тақсимнашу-да | Захираҳои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | Захира аз ҳисоби фоида | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бакия дар 01 январи соли 2012** | **16 409 725,00** | **21 301 087,00** | **13 430,00** | **60 000,00** | **37 784 242,00** |
| Зиёдшавии сармоя дар давраи ҳисоботӣ | - | - | - | 40000,00 | **40 000,00** |
| Фоидаи соф (зарар) | - | 3 633 285,00 | - | - | **3 633 285,00** |
| Гузаронидан ба сармояи захиравӣ | - | -40 000,00 | - | - | **-40 000,00** |
| **Бакия дар 31 декабри соли 2012** | **16 409 725,00** | **24 894 372,00** | **13 430,00** | **100 000,00** | **41 417 527,00** |

**Раис** **Сармуҳосиб**

**Қорӣ А.** **Азизмуродов Ш.Ҳ.**

# ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

## ЭЗОҲИ 1. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ

Филиали Бонки тиҷоратии "Тиҷорат"- и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Душанбе *(минбаъд «бонк»)* шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, фаъолияти худро мувофиқи Низомнома ба роҳ мондааст.

Суроғаи ҳуқуқии бонк: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 88

Дар Иҷозатномаи Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 38027-22 барои иҷрои амалиётҳои бонки бо асъори миллӣ ва инчунин иҷозатнома аз 13 уми майи соли 2003 таҳти рақами 38027-22 барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз тарафи БМТ дода шудааст фаъолият менамояд.

Аъзои Шурои филиали Бонки "Тиҷорат"-и Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ш. Душанбе ин Бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ дар шаҳри Теҳрон мебошад:

## ЭЗОҲИ 2. АСОСҲОИ ОМОДАСОЗИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Асос барои омодасозии ҳисоботи молиявии *Бонк* талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ фарзияи асосӣ ин усули ҳисобкунӣ ва усули фаъолияти муттасили *Бонк* ба ҳисоб мераванд.

Усули ҳисобкунӣ тахмин мекунад, ки таъсири амалиётҳо ва дигар ҳодисаҳо дар ҳисоботи молиявӣ дар лаҳзаи содиршавии (ба амал омадани) онҳо эътироф карда мешаванд на ҳангоми воқеиятан гирифтан ва пардохтани воситаҳои пулӣ дар давраҳои муттаносиби ҳисоботӣ.

Усули ҳисобкунӣ мунтазам пешбинӣ мекунад, ки *Бонк* ният ва зарурати барҳамхурӣ ва ё ихтисори муҳими фаъолият дар ояндаи наздик надорад.

### ЭЗОҲИ 2.1 ТАРКИБИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Таркиби ҳисоботи молиявии *Бонк* аз ҳисоботи зерини молиявӣ иборат аст:

- Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ;
- Ҳисобот оиди даромади умумӣ;
- Ҳисобот оиди Ҳаракати воситаҳои пулӣ;
- Ҳисобот оиди тағйирот дар сармоя;
- эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ.

Давраи ҳисоботии *Бонк* соли тақвимӣ ба ҳисоб меравад. Моддаҳои муҳими ҳисоботи молиявӣ кушода ва алоҳида оварда шудаанд, моддаҳои номуҳим гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

### ЭЗОҲИ 2.2 АСЪОРИ ҲИСОБОТ

Ба сифати асъори амалкунанда ва асъори пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ *Бонк* асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сомониро истифода мебарад.

## ЭЗОҲИ 3. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

### ЭЗОҲИ 3.1 ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШИ ОНҲО

Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо аз маблағи нақд дар хазинаи Бонк, ҳисобҳои мукотибавӣ дар Бонки Миллӣ ва дигар бонкҳо мавҷудбуда ва маблағи дар ҳисобҳои ҷории бонкӣ мавчуд буда иборат мебошад.

### ЭЗОҲИ 3.2 ҚАРЗҲОИ ДОДАШУДА БА МИЗОҶОН

Тибқи сиёсати баҳисобгирии *Бонк* қарзҳо дороиҳои молиявиеро ифода мекунанд, ки дар натиҷаи додани маблағи пулӣ бевосита ба қарзгиранда ба вуҷуд меоянд. Дар баҳисобгирӣ қарзҳо ба сифати дороиҳои молиявӣ ҳангоми додани маблағи пулӣ ба қарзгиранда эътироф карда мешаванд ва сараввал онҳо бо арзиши ибтидоӣ (аслӣ) баҳо дода мешаванд. Қарзҳо бо маблағи қарзи асосии пардохтанашуда мутобиқи шартномаи қарз баҳисоб гирифта мешаванд. Хароҷоти ба расмиятдарорӣ ва баҳодиҳии гарав, инчунин дигар хароҷоти ҳуқуқӣ ҳангоми ба вуқуъ омаданашон ба хароҷот дохил карда мешаванд.

Ба қарзҳои батаъхирафтода қарзҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо гузаштани мӯҳлат ё напардохтани қарз мушоҳида шудааст ва онҳо ҳамчун шубҳаовар ва чоранопазир (бээътимод) банду баст карда шудаанд.
Аз нав банду баст кардан аз ҳисоби қарзҳои стандарти ба ҳисоби қарзҳои мӯҳлаташон гузашта дар рузи эътироф намудани батаъхир афтодани мӯҳлати пардохт ба амал бароварда мешавад.

*Бонк* дар ҳар як санаи ҳисоботӣ (хармоҳа) мавҷуд будани аломатҳои гуногуни эҳтимолияти пастшавии арзиши фоизҳои ҳисобишуда ва ё ки маблағи асосии қарзро баҳо медиҳад. Баҳодиҳии мавҷудияти ягон намуд аломати воқеии пастшавии дороии молиявӣ дар асоси далелҳои дар лаҳзаи омода сохтани ҳисоботҳои молиявӣ (дар охири ҳар моҳ) сурат мегирад.

Дар сурати мавҷуд будани аломатҳои объективи вобаста ба пастшавии арзиши карзҳои додашуда дар натиҷаи ҳодисаҳое, ки пас аз эътирофи ибтидоии дороӣ ба вуқуъ омадаанд, *Бонк* барои пӯшонидани зарар фонди пӯшонидани талафоти имконпазир таъсис медиҳад. Ҳисобу китоби фонди пӯшонидани талафоти имконпазир дар асоси таҳлили дороиҳое, ки онҳо зери таҳдиди хавф қарор доранд гузаронида мешавад. Пас аз муайян намудани аломатҳои объективии беқурбшавӣ дар асоси индивидуалӣ ва бо шарти мавҷуд набудани чунин аломат, қарзҳо ба гурӯҳи активҳои молиявӣ, ки хусусияти ба ҳам монанди хавфи қарзӣ доранд барои муайян кардани аломати пастшавии арзиши он дар маҷмӯъ дохил карда мешаванд.

Ҳангоми гурӯҳбандии сандуқи қарзӣ ва барои таъсис додани фонди пӯшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ), *Бонк* мукаррароти сиёсати баҳисобгирии тасдиқшударо татбиқ менамояд.

Аз навҳисобкунии ФПТИ ҳармоҳа дар асоси пардохти ҳақиқии маблағи асосӣ ва фоизҳо инчунин ҳисоботи омоданамудаи шуъбаи қарздиҳӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ҳолати номувофиқатии захираҳо *Бонк* ҳисобкуниҳои иловагиро ба захираҳо дар он даврае, ки норасоии захираҳо ошкор карда шуда буд мегузаронад. Захираи умумӣ барои беқурбшавӣ аз рӯи қарзҳои стандартӣ таъсис дода намешавад.

Азҳисоббарории қарзҳои зиёда аз 180 рӯз батаъхирафтода мувофиқи сиёсати қарздиҳӣ бо қарори кумитаи қарзӣ гузаронида мешавад. *Бонк* пас аз азҳиссоббарорӣ дар тавозун ҳамаи чораҳоро барои ситодани қарзҳои азҳиссоббаровардашуда меандешад. Қарзҳои азҳисоббаровардашуда дар

ҳисобҳои ғайритавозунӣ на камтар аз се сол пас аз лаҳзаи азҳисоббаровардан инъикос карда мешаванд.

## ЭЗОҲИ 3.3 ДОРОИҲОИ ДИГАР

Ба сифати дороиҳои дигар ҳисобҳо барои қабул, пешпардохти андозҳо, пешпардохтҳо ба кормандон, пешпардохтҳо барои хизматрасониҳо ва ғайраҳо баҳисоб гирифта мешаванд.

## ЭЗОҲИ 3.4 ИҶОРАИ АМАЛИЁТӢ

Иҷорае, ки қисми муҳими хавфҳо, ҳуқуқи соҳибии он ба иҷорадеҳ мемонад иҷораи амалиётӣ эътироф карда мешавад.

## ЭЗОҲИ 3.5 ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Воситаҳои асосӣ ба сифати дороӣ аз рӯи хароҷоти воқеӣ барои хариди онҳо эътироф карда мешаванд. Пас аз эътирофи аввала воситаҳои асосӣ пас аз тарҳи истеҳлокӣ\фарсоиши ҷамъшуда баҳисоб гирифта мешаванд.

Барои ҳисоби истеҳлок аз рӯи ҳамаи воситаҳои асосӣ усули ҳисобкунии истеҳлок мутобиқи моддаи 153 Кодекси андоз истифода бурда мешавад. Бо мақсади тартиб додани ҳисоботи мутобиқ ба талаботҳои СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ», инчунин муқарраротии Сиёсати баҳисобгирии *Бонк* истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо усули мустақим ҳисоб карда шудааст.
*Бонк* меъёрҳои зеринро барои ҳисобкунии фарсоиши воситаҳои асосӣ муайян кардааст:

| Гурӯҳи дороиҳо | Меъёри фоиз |
|---|---|
| Таҷҳизоти компютерӣ | 20% |
| Мебели дафтардорӣ, Таҷҳизоти идора | аз 8%-15% |
| Воситаҳои нақлиётӣ | 15% |
| Бинои бонк | 7% |

## ЭЗОҲИ 3.6 ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

Дороиҳои ғайримоддӣ дар баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши аввалаи онҳо баҳисоб гирифта мешаванд. Арзиши аввала дар худ ҳамаи хароҷоти барои хариди онҳоро дар бар мегирад. Истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ бо усули мустақим вобаста ба мӯҳлати истифодабарии самарабахш ҳисоб карда мешавад:

| Гурӯҳи дороиҳо | Меъёри фоиз |
|---|---|
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 10% |

## ЭЗОҲИ 3.7 ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ

Воситаҳои қарзӣ ва амонатҳо сараввал аз рӯи арзиши бадастовардани онҳо баҳисоб гирифта мешаванд, ки маблағи воситаҳои гирифташуда бо тарҳи хароҷоти сарфшударо барои иҷрои ин амалиётҳоро дар бар мегирад.

Минбаъд воситаҳои қарзӣ аз рӯи арзиши истеҳлокшуда баҳисоб гирифта мешаванд ва фарқият байни маблағи воситаҳои гирифташуда ва арзиши пардохташуда дар ҳисобот оиди фоида ва зарар дар давраи қарзгирӣ ба сифати хароҷоти фоизӣ инъикос мегардад. Фоизҳо аз рӯи қарзҳои

гирифташуда ҳармоҳа аз рӯи арзиши номиналии андозаи фоиз аз бақияи напардохтаи маблағи асосӣ ва ё аз маблағи асосӣ вобаста ба шартҳои қарордоди қарзӣ ҳисоб карда мешаванд.
Бонк шаклҳои зерини амонтҳоро аз амонатгузорандагон ҷалб мекунад:

- ⇒ Амонатҳои то дарҳости бо асъори миллӣ ва ҳориҷӣ
- ⇒ Амонатҳои ғайрирезидентҳо бо асъори милли ва ҳориҷӣ
- ⇒ Амонатҳои пасандозӣ бо асъори миллӣ ва ҳориҷӣ

Фоизҳои ҳисобкардашудаи амонатҳо дар ҳисобот оиди даромадҳои умумӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ӯҳдадориҳои ҷорӣ дар тавозуни *Бонк* вобаста ба пайдо шуданашон - ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон аз рӯи музди меҳнат, маблағҳои ҳисобшудаи ӯҳдадориҳои андозҳо, ӯҳдадориҳои ҳисобшуда аз рӯи пардохти хароҷоти асосӣ ва ғ.

## ЭЗОҲИ 3.8 ЭЪТИРОФИ ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТ

*Бонк* дар рафти фаъолияти амалиётии худ даромад ва хароҷотро аз рӯи усули ҳисобкунӣ эътироф мекунад. Усули ҳисобкунӣ пешбинӣ менамояд, ки даромад дар ҳамон давраи ҳисоботие, ки ба даст оварда шудааст эътироф карда мешавад новобаста аз он, ки воситаҳои пулӣ ба *Бонк* ҳануз ворид нашудаанд. Ҳамчунин хароҷот дар ҳамон давраи ҳисоботие, ки онҳо ҷой доштанд новобаста аз он, ки аз тарафи *Бонк* дар давраи мазкури ҳисоботи пардохта шудаанд ё не, инъикос карда мешаванд.

## ЭЗОҲИ 3.9 АНДОЗБАНДӢ

Хароҷоти андоз аз фоидаи дар ҳисобот оиди даромади умумӣ инъикос шуда дар худ маблағи ҷории андоз аз фоидаро мувофиқи конунгузориҳои андози амалкунанда ва андоз аз фоидаи мавқуфгузошта таҷассум мекунад.

Фоида то андозбандӣ аз фоидаи андозбандишаванда фарқ мекунад, чунки ҳангоми муайян намудани манбаи андоз аз фоида моддаҳои бо мақсади андозбандӣ барои ҳисоби андоз истисношаванда ба эътибор гирифта намешаванд. Ҳангоми ҳисобу китоби андоз аз фоида меъёри 25% истифода бурда мешавад.

Андозбандии мавқуфгузошта аз рӯи андоз аз фоида бо усули дороиҳои тавозунӣ ва ӯҳдадориҳо нисбати ҳамаи фарқиятҳои муваққатӣ байни манбаи андози дороиҳо ва арзиши тавозунии онҳо мувофиқи ҳисоботи молиявӣ ҳисоб карда мешавад. Дороиҳо ва ӯҳдадориҳо аз рӯи андозҳои мавқуфгузошташуда бо истифодаи меъёрҳои андозбандие, ки интизор меравад, ки дар он соле, ки дороиҳо фурӯхта мешаванд ва ӯҳдадориҳо пардохта мешаванд, муайян карда мешаванд, ки ба меъерҳои андозбандие, ки дар давраи мазкур муайян шуда буданд ва ё дар санаи ҳисоботӣ воқеан муайян шуданд асос меёбанд.

Дороиҳо аз рӯи андозбандии мавқуфгузошташуда ба он дараҷае инъикос мешаванд, ки дар он эҳтимолияти гирифтани фоидаи андозбандишаванда вуҷуд дорад ки нисбати он фарқиятҳои муваққатӣ истифода бурда мешаванд.

## ЭЗОҲИ 3.10 АМАЛИЁТ БО АСЪОРИ ХОРИҶӢ

*Бонк* ҳисоботи молиявиро бо асъори миллӣ омода ва пешниҳод менамояд.

Ҳамаи амалиёт бо асъори ҳориҷӣ дар рузи содир намудани амалиёт бо қурби асъори ҳориҷӣ, ки Бонки Миллии Тоҷикистон муайян кардааст инъикос карда мешаванд.

Азнавбаҳодиҳии бақияи ҳисобҳои дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки бо асъори хориҷӣ дарҷ шудаанд ба таври ҳарруза – бо мақсади муайян намудани фоида ва зарар аз тағирёбии қурби асъор гузаронида мешавад. Барои ин бақияи ҳамаи ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ ба асъори миллӣ бо қурби муайяннамудаи Бонки Миллии Тоҷикистон бо тартиби зерин гузаронида мешаванд:

а) Дороиҳо ва пассивҳо бо асъори хориҷӣ (ба ғайр аз дороиҳо ва пассивҳое, ки дар п. б нишон дода шудааст) ҳарруз нисбати қурби асъори мазкур ба пули миллӣ азнав баҳо дода мешаванд.

б) Сармояи оинномавӣ баҳо дода намешавад.

в) Дороиҳо дар шакли воситаҳои асосӣ ва дигар моликияти моддӣ (инвентарҳои хоҷагӣ, маводҳо, предметҳои камарзишу зудфарсудаванда ва ғ.) дороиҳои ғайримоддие, ки аз ҳисоби воситаҳои асъорӣ таъсис шудаанд дар асоси қурби дар рузе, ки амалиёт анҷом ёфтааст баҳо дода шуда, минбаъд азнавбаҳодиҳӣ бо сабаби тағир ёфтани қурби асъори миллӣ нисбати асъори хориҷӣ гузаронида намешавад.

Дар сурати ба амал омадани фарқияти қурб ҳангоми аз навбаҳодиҳии моддаҳои асъории тавозун *Бонк* фоида ва зарарро аз тағирёбии қурб эътироф мекунад, ки дар ҳисобҳои молиявӣ-хоҷагии фаъолияти *Бонк* дар он моҳе, ки онҳо ба амал омаданд инъикос карда мешаванд.

| Номгӯи асъор | Қурб ба 31.12.2011 | Қурб ба 31.12.2012 |
|---|---|---|
| Доллари ИМА | 4,7585 | 4,7644 |

## ЭЗОҲИ 3.11 САРМОЯИ ХУДӢ

Сармояи худии *Бонк* аз сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ ва фоидаи тақсимнашуда иборат аст. Сармояи худии *Бонк* 41 417 527,00 сомониро ташкил медиҳад.

## ЭЗОҲИ 3.12 ХАВФИ ҚАРЗӢ

Дар ҷараёни фаъолият *Бонкро* хавфи қарзӣ таҳдид мекунад, ки он ба саривақт напардохтан ва ғайриимконпазирӣ ва ё нопурра пардохтани қарзҳо ва фоизҳои ҳисобшуда алоқаманд аст.

Зери таҳдиди хавф қарор доштан ба воситаи таҳлили мунтазами қобилияти қарздорон ва қарзгирони имконпазир барои баргардонидани фоизҳои ҳисобшуда ва маблағи асосӣ идора карда мешавад.

Зери таҳдиди хавфи қарзӣ қарор доштан ба воситаи гирифтани гарав ва кафолатҳо идора карда мешавад. *Бонк* аз рӯи дастури сиёсати қарзӣ талаботҳоро барои таъмини гарав вобаста ба маблағи дарҳостшавандаи қарзгир, давраҳо ва таърихи қарзии қарзгир тасдиқ кардааст.

**3.13 Хавфи асъорӣ**

Ба Бонк хавфи асъорӣ аз тағирёбии қурби асъори хориҷи, ки ба вазъияти молиявии бонк ва ҳаракати воситаҳои пули вобастаги дорад таъсир мерасонад.

# 4. ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТ ОИДИ ДАРОМАДИ УМУМӢ

## ЭЗОҲИ 4.1 ДАРОМАДҲОИ МОЛИЯВӢ

Бонк дар ҷараёни фаъолияти худ дар шакли фоизҳо аз рӯи қарзҳо ва пардохтҳои комиссионӣ ва даромадҳои комиссионӣ аз интиқоли маблағҳо аз муштариён рӯёнидашуда даромад мегирад.

Даромад ва хароҷот аз рӯи натиҷаи соли 2012 дар ҷадвалҳои дар поён овардашуда пешниҳод шудаанд:

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 7 917,00 | 1,00 |
| Даромади фоизӣ - ҷойгиркунии мӯҳлатнок | 2 111 205,00 | 1 918 154,00 |
| Даромади фоизӣ - аз қарзҳои байнибонки | 80 631,00 | - |
| Даромади фоизӣ - аз қарзҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ | 146 710,00 | 576 855,00 |
| Даромади фоизӣ -аз қарзҳои шахсони вокеъи | 38 175,00 | 144 203,00 |
| Даромади фоизӣ ва дисконт аз қоғазҳои қиматнок | 13 434,00 | - |
| **Ҳамаги даромадҳои фоизӣ** | **2 398 072,00** | **2 639 213,00** |

## ЭЗОҲИ 4.2. ДАРОМАД АЗ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ КОМИССИОНӢ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Даромад аз хизматрасониҳои комиссионӣ | 911 346,00 | 712 873,00 |
| Даромади комиссионӣ аз интиқоли маблағҳо | 3 308 663,00 | 3 232 448,00 |
| **Ҳамагӣ даромадҳои комиссионӣ** | **4 220 009,00** | **3 945 321,00** |

## ЭЗОҲИ 4.3. ХАРОҶОТИ ФОИЗӢ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Хароҷоти фоизӣ | - | 44 341,00 |
| **Ҳамагӣ харочоти фоизӣ** | **-** | **44 341,00** |

## ЭЗОҲИ 4.4. ХАРОҶОТ АЗ РӮИ КОМИССИЯ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲО

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Дигар хароҷоти хизматрасониҳо/ҳақгузорӣ | 12 246,00 | 15 789,00 |
| **Ҳамагӣ хароҷоти комиссионӣ** | **12 246,00** | **15789,00** |

## ЭЗОҲИ 4.5. ДАРОМАД АЗ ҲИСОБИ АМАЛИЁТҲО БО АСЪОРИ ХОРИҶӢ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Даромад аз ҳисоби амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 1 196 349,00 | 429 115,00 |
| Даромад аз ҳисоби азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 89 408 766,00 | 56 034 799,00 |
| **Ҳамагӣ даромад аз ҳисоби амалиётҳо ба асъори хориҷӣ** | **90 605 115,00** | **56 463 914,00** |

## ЭЗОҲИ 4.6. ХАРОҶОТ АЗ ҲИСОБИ АМАЛИЁТҲО БО АСЪОРИ ХОРИҶӢ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Хароҷот аз ҳисоби амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 1 628 654,00 | 152 203,00 |
| Хароҷот аз ҳисоби азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 88 981 285,00 | 55 944 047,00 |
| **Ҳамагӣ хароҷот аз ҳисоби амалиётҳо бо асъори хориҷӣ** | **90 609 939,00** | **56 096 250,00** |

## ЭЗОҲИ 4.7. ДИГАР ДАРОМАДҲО

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Даромад аз ҳисоби барқарорсозии арзиши қарзҳо | 0,00 | 5 740,00 |
| Даромад аз фуруш ё азҳисоб ҳориҷ кардани иморат, мебел | 4 251,00 | 0,00 |
| **Ҳамагӣ дигар даромадҳо** | **4 251,00** | **5 740,00** |

## ЭЗОҲИ 4.8. ХАРОҶОТИ АМАЛИЁТӢ

| НОМГӮИ ХАРОҶОТ | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Маоши кормандон | 174 460,00 | 205 670,00 |
| Пардохтҳои иловагӣ барои кормандон ва хизматчиён | 33 235,00 | 14 101,00 |
| Маблағгузориҳо ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ | 51 857,00 | 54 885,00 |
| Хароҷоти хизматрасониҳои тиббӣ | 1 965,00 | 3 159,00 |
| Пардохти ҳаққи хизмати аудиторони хориҷӣ | 7 600,00 | 8 500,00 |
| Пардохти ҳаққи хизмати хуқуқшиносон | 8 266,00 | 18 906,00 |
| Ҷарима ва товонҳо (Бонки миллии ҶТ) | 3 000,00 | 5 000,00 |
| Дигар чарима ва товонҳо | 18 472,00 | 0,00 |
| Андози Фонди роҳ | 127 046,00 | 132 773,00 |
| Дигар андоз ва литсензияҳо | 1 190,00 | 1 899,00 |
| Фарсоиши ҳисобшудаи бинои бонк | 82 613,00 | 82 451,00 |
| Фарсоишиҳисобшудаи таҷҳизот ва воситаҳо | 33 665,00 | 35 037,00 |
| Хароҷоти фарсудашавии дороиҳои ғайримоддӣ | 2 544,00 | 2 543,00 |
| Хароҷоти истифодаи об, барқ ва гармидиҳӣ | 14 880,00 | 14 899,00 |
| Хароҷоти техникаи иттиолотӣ | 29 421,00 | 13 558,00 |
| Хароҷоти таъмир ва муоинаи техникӣ | 25 902,00 | 11 642,00 |
| Хароҷоти сузишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | 14 947,00 | 21 445,00 |
| Сафари хизматӣ ва роҳкиро | 1 080 209,00 | 772 299,00 |
| Пардохти ҳаққи хизмати хадамоти амниятӣ | 53 618,00 | 64 416,00 |
| Хизмати алока | 93 762,00 | 69 831,00 |
| Маводҳои дафтардорӣ ва дигар лавозимот | 7 742,00 | 9 047,00 |
| Хароҷоти реклама | 0,00 | 795,00 |
| Хароҷоти намояндагӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ | 10 878,00 | 7 799,00 |
| Хароҷоти кироя- Фрахт ва хаткашонӣ | 10 614,00 | 2 534,00 |
| Дигар хароҷот | 32 183,00 | 36 600,00 |
| **Ҳамаги хароҷоти амалиётӣ** | **1 920 069,00** | **1 589 789,00** |

## ЭЗОҲИ 4.9. ХАРОҶОТИ АЗ РӮИ ҚАРЗҲОИ ШУБҲАНОК ВА БЕЭЪТИМОД

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| ФПТИ аз рӯи дигар қарзҳо | 0,00 | 21 623,00 |
| **Ҳамагӣ, хароҷоти ФПТИ** | **0,00** | **21 623,00** |

## ЭЗОҲИ 4.10 ХАРОҶОТИ АНДОЗ АЗ ФОИДА

Мувофиқи сиёсати баҳисобгирии қабулгардида барои маълумотҳои ҳисоботи молиявӣ *Бонк* даромад ва хароҷотро тибқи талаботи СБҲМ аз рӯи усули ҳисобкунӣ эътироф мекунад.

Меъёри андоз аз фоида тибқи Кодекси Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 25% -ро ташкил медиҳад. Хароҷоти андоз аз фоида дар асоси эъломияи андоз аз фоида маблағи 1 653 111,00 Сомониро ташкили медиҳад.

# 5. ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

## ЭЗОХИ 5.1 ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО

Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо аз нишондиҳандаҳои зерин иборатанд:

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Хазина бо асъори миллӣ | 1 016 429,00 | 327 196,00 |
| Хазина бо асъори хориҷӣ | 1 425 988,00 | 1 757 900,00 |
| **Ҳамагӣ** | **2 442 417,00** | **2 085 096,00** |

## ЭЗОҲИ 5.2 БАРОИ ГИРИФТАН АЗ БОНКИ МИЛЛИИ ҶТ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Суратҳисоби муросилоти дар БМТ бо арзи миллӣ | 2 160 821,00 | 2 849 847,00 |
| Суратҳисоби муросилоти дар БМТ бо арзи хориҷӣ | 3 564 138,00 | 742 894,00 |
| **Ҳамагӣ** | **5 724 959,00** | **3 592 741,00** |

## ЭЗОҲИ 5.3 ЗАХИРАИ ҲАТМӢ ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ҶТ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Захираи ҳатмӣ дар БМТ бо арзи миллӣ | 22 892,00 | 62 522,00 |
| Захираи ҳатмӣ дар БМТ бо арзи хориҷӣ | 882 917,00 | 179 209,00 |
| **Ҳамагӣ** | **905 809,00** | **241 731,00** |

## ЭЗОҲИ 5.4 ҶОЙГИРКУНИИ МӮҲЛАТНОКИ ВОСИТАҲО ДАР ДИГАР БОНКҲОИ ҶТ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Ҷойгиркунии мӯҳлатноки воситаҳо дар бонкҳои ҶТ бо асъори миллӣ | 8 500 000,00 | 10 000 000,00 |
| Ҷойгиркунии мӯҳлатноки воситаҳо дар бонкҳои ҶТ бо асъорихориҷӣ | 22 978 700,00 | 11 911 000,00 |
| **Ҳамагӣ** | **31 478 700,00** | **21 911 000,00** |

## ЭЗОҲИ 5.5 СУРАТҲИСОБИ МУРОСИЛОТИИ ДИГАР БОНКҲОИ БЕРУН АЗ ҶТ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Суратҳисоби мукотибавии бонкҳои ҶТ бо асъори хориҷӣ | 28 680 238,00 | 43 294 911,00 |
| Суратҳисоби мукотибавии бонкҳои берун аз ҶТ бо асъори хориҷӣ | 29 094 827,00 | 2 991 151,00 |
| **Ҳамагӣ** | **57 775 065,00** | **46 286 062,00** |

## ЭЗОҲИ 5.6 ҚАРЗҲО БА МУШТАРИЁН

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Қарзҳо ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ба арзи миллӣ | 1 121 476,00 | 114 583,00 |
| Қарзҳо ба соҳибкорон бо арзи миллӣ | 233 335,00 | 2 853 332,00 |
| Қарзҳо ба шахсони вокеъӣ бо арзи миллӣ | 0,00 | 32 580,00 |
| Қарзҳо ба соҳибкорон бо асъори хориҷӣ | 951 760,00 | 952 880,00 |
| Қарзҳо ба шахсони вокеъи бо асъори хориҷӣ | 69 964,00 | 147 006,00 |
| Қарзҳои ба таъхирафтодаи ташкилотҳои тиҷоратӣ бо а\м | 0,00 | 54 850,00 |
| Қарзҳои ба таъхирафтодаи шахсони вокеъи бо а\х | 0,00 | 30 969,00 |
| ФПҒИ барои қарзҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ бо а\м | 0,00 | -10 642,00 |
| ФПТИ барои қарзҳои шахсони вокеъи а\м | 0,00 | -5 241,00 |
| **Хамагӣ қарзҳои мизоҷон** | **2 376 535,00** | **4 170 317,00** |

## ЭЗОҲИ 5.7. ФОИЗҲО БАРОИ ГИРИФТАН

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан бо арзи миллӣ | **2 505,00** | **1 822,00** |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан бо арзи хориҷӣ | **0** | **334,00** |
| **Ҳамагӣ фоизҳо барои гирифтан** | **2 505,00** | **2 156,00** |

## ЭЗОҲИ 5.8. ДОРОИҲОИ ҶОРИИ ДИГАР

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои гирифтан бо арзи миллӣ | 1 202,00 | 706,00 |
| Маводҳои дафтардории истифоданашуда | 1 988,00 | 1 988,00 |
| Хароҷоти пешаки пардохтшуда | 0,00 | 750,00 |
| **Ҳамаги дороиҳои ҷории дигар** | **3 190,00** | **3 444,00** |

## ЭЗОҲИ 5.9 ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Бинои бонк (иморат) | 1920969 | 1 920 969,00 |
| Таҷҳизот, мебел | 396723 | 411 026,00 |
| Фарсудашавии ҷамъшудаи бинои бонк | -743094 | -825 546,00 |
| Фарсудашавии ҷамъшудаи мебел, таҷҳизот | -212775 | -247 812,00 |
| **Ҳамагӣ воситаҳои асосӣ** | **1 361 823,00** | **1 258 637,00** |

## ЭЗОҲИ 5.10 ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 52 572,00 | 52 572,00 |
| Фарсоиши дороиҳои ғайримоддӣ | -27 143,00 | -29 686,00 |
| **Ҳамагӣ дороиҳои ғайримоддӣ** | **25 429,00** | **22 886,00** |

## ЭЗОҲИ 5.11 АМОНАТҲОИ МИЗОҶОН

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Амонаҳои тодархости резидентҳо бо асъори миллӣ | 465 067,00 | 167 137,00 |
| Амонатҳои тодархости резидентҳо бо арзи хориҷӣ | 1 012 131,00 | 575 601,00 |
| Амонатҳои тодархости гайрирезидентҳо бо арзи миллӣ | 238 555,00 | 1 055 700,00 |
| Амонатҳои тодархости гайрирезидентҳо бо арзи хориҷӣ | 6 855 277,00 | 502 898,00 |
| Амонатҳои пасандози резидентҳо бо арзи миллӣ | 7 856,00 | 9 021,00 |
| Амонатҳои пасандози резидентҳо бо арзи хориҷӣ | 241 052,00 | 143 318,00 |
| Амонатҳои пасандозии гайрирезидентҳо бо арзи миллӣ | 2 314,00 | 2 314,00 |
| Амонатҳои пасандозии гайрирезидентҳо бо арзи хориҷӣ | 1 677 683,00 | 1 604 185,00 |
| **Ҳамагӣ амонатҳои мизоҷон** | **10 499 935,00** | **4 060 174,00** |

## ЭЗОҲИ 5.12 ДИГАР АМОНАТҲО

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Суратҳисобҳои ғайрифаъоли мизоҷон бо арзи миллӣ | **75 360,00** | **63 487,00** |
| Суратҳисобҳои ғайрифаъоли мизоҷон бо арзи хориҷӣ | **85 753,00** | **77 335,00** |
| **Ҳамагӣ амонатҳои дигар** | **161 113,00** | **140 822,00** |

## ЭЗОҲИ 5.13 БАРОИ ПАРДОХТ БА БОНКҲОИ БЕРУН АЗ ҚАЛАМРАВИ ҶТ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Суратҳисобҳои муросилотии бонкҳои хориҷӣ - а\х | 52 634 718,00 | 33 564 831,00 |
| **Ҳамаги барои пардохт ба бонкҳои берун аз ҶТ** | **52 634 718,00** | **33 564 831,00** |

(бо Сомони)

## ЭЗОҲИ 5.14 ҲИСОБҲО БАРОИ ПАРДОХТ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Ҳисобҳои дигар барои пардохт - пули миллӣ | 329 622,00 | 0,00 |
| **Ҳамагӣ ҳисобҳо барои пардохт** | **329 622,00** | **0,00** |

## ЭЗОҲИ 5.15 ФОИЗҲО БАРОИ ПАРДОХТ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Ҳисоби муросилшавандаи фоизҳои ҳисобшуда | 2 505,00 | 0,00 |
| Ҳисоби муросилотии фоизҳои ҳисобшуда бо арзи миллӣ | 0,00 | 1 822,00 |
| Ҳисоби муросилотии фоизҳои ҳисобшуда бо арзи хориҷӣ | 0,00 | 334,00 |
| **Ҳамагӣ фоизҳо барои пардохт** | **2 505,00** | **2 156,00** |

## ЭЗОҲИ 5.16 АНДОЗҲО БАРОИ ПАРДОХТ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Андоз аз фоида барои пардохт | 684 295,00 | 388 560,00 |
| **Ҳамагӣ андоз аз фоида барои пардохт** | **684 295,00** | **388 560,00** |

## ЭЗОҲИ 5.17 САРМОЯ

| Номгуй | 2011с | 2012с |
|---|---|---|
| Сармояи саҳомии пардохташуда | 16 409 725,00 | 16 409 725,00 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 19 004 350,00 | 24 894 372,00 |
| Захираҳои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ | 13 430,00 | 13 430,00 |
| Захира аз ҳисоби фоида | 60 000,00 | 100 000,00 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | **37 784 244,00** | **41 417 527,00** |

## ЭЗОҲИ 6. ӮҲДАДОРИҲОИ ШАРТӢ

Роҳбарияти *Бонк* тасдиқ мекунад, ки ӯҳдадориҳои муҳим ҷой надоранд, ки тавонанд ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолияти он дарояндаи наздик таъсири калони манфӣ расонанд.

**Таъсири сиёсати ҷаҳонӣ**

Фаъолияти бонк ва даромади мегирифтаи он мунтазам зери таъсири ҳолати сиёсии ҷаҳон қарор дорад. Аз тарафи Иттиҳоди Аврупо ва ИМА ҷорӣ намудани таҳримҳо нисбати субъектҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Исломии Эрон метавонанд дар оянда ба фаъолияти бонк таъсири манфи расонад.

## ЭЗОҲИ 7. ҲОЛАТҲОЕ, КИ ПАС АЗ САНАИ ҲИСОБОТИ ТАВОЗУНӢ БА АМАЛ ОМАДАНД

Ҳодисаҳои муҳим баъди давраи ҳисоботӣ набуданд.